# Ҳ и с о б о т и  а у д и т о р ӣ

**Ба Ҷамъияти Дорои Масъулияти Маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд оиди натиҷаи аудити тавозуни солонаи муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии Ҷамъият барои соли 2022-ум**

шаҳри Хуҷанд 2023сол

## ХУЛОСАИ АУДИТОРӢ

**“Оиди натиҷаи аудити тавозуни солонаи муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии Ҷамъияти Дорои Масъулияти Маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд барои соли 2022-ум”**

аз 07.04.2023 сол шаҳри Хуҷанд

Дар асоси шартномаи меҳнатӣ Ҷамъияти Дорои Масъулияти Маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд аз 01.12.2022сол аз ҷониби ман аудитор Шамсиев Ғ. Ҳ. вобаста ба ҳисоботҳои молиявии ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд барои соли 2022-ум санҷиши аудиторӣ гузаронида шуд.

Аудит дар асоси тавозуни солонаи муҳосибӣ (ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ)-и ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул” барои соли 2022-ум пешниҳодшуда мутобиқи стандартҳои (низомномаҳои) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.06.2000 сол таҳти № 259 таҳия ва тасдиқшуда ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» таҳти № 993 аз 22-уми июли соли 2013-ум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитори» гузаронида хулосабанди карда шуд.

**Реквизити ширкати аудиторӣ: ҶДММ «Аудити муосир»**

Мутобиқи иҷозатномаи махсус (лицензия) ВМ № 0000183 аз 03.03.2023с. барои амали намудани фаъолияти аудитори, ки бо Қарори Комиссияи иҷозатномадиҳии Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 85 дар бораи аттестатсиони ва иҷозатномадиҳии фаъолияти аудитории назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2023-ум ба мӯҳлати 5 (панҷ) сол то 03.03.2028с. дода шудааст.

Мутобиқи атестати тахассусии аудитории силсилаи ВМ № 0000355 ва Иҷозатномаи силсилаи ВМ № 0000134 барои амали намудани фаъолияти аудитори, ки аз тарафи Комиссияи тахассусии аттестатсиякунони ва иҷозатномадиҳии фаъолияти аудитории назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми апрел соли 2019 дода шудааст.

Шаҳодатномаи таҳти № 0303597 дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз «09» январи соли 2023-ум аз ҷониби Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда 6310014150 мебошад.

| | |
|---|---|
| | РМА: 630021957. |
| Суроғаи хуқуққӣ: | Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,<br>ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ёва,<br>кӯчаи М. Қодиров № 1. |
| Суратҳисоб: | Суратҳисоб: 20202972800000000727<br>ҶСП Бонки «Арванд» дар шаҳри Хуҷанд,<br>хиёбони И. Сомони № 1 «а». |

Дар ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд ҳамчун директори Ҷамъият Бердиев Алишер Абдухолиқович бо ҳуқуқи имзои якӯм дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои пулӣ фаъолият намудааст.

Дар ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд ба вазифаи сармуҳосиби Ҷамъиятро Раҳматова Дилноза Режабозна дар ӯҳда дорад.

**Аудити ҳуҷҷатҳои таъсисӣ.** Дар натиҷаи омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд муайян карда шуд, ки мутобиқи Шаҳодатнома дар бораи

бақайдгирии давлати таъсисёбии ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд Рақами ягонаи мушаххас: 6410004004 дода шуда, санаи 14.12.2018с. ба сабти давлатӣ гирифта шуда, дар нозироти шаҳри Хуҷанд аз қайди баҳисобгирӣ гузаронида шудааст.

ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд дорои Оиннома мебошад. Тибқи Оинномаи Ҷамъият мақсади асоси ба даст овардани фойда бо воситаи ба амал овардани фаъолияти суғуртавӣ мебошад.

Ҷамъият аз сабаби набудани иҷозатномаи махсус ҳамчун ташкилоти суғуртавӣ фаъолият накардааст.

Муассиси Ҷамъият шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзиев Ҳакимҷон Баротҷонович истиқоматкунандаи вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Ленин хонаи 41, дорандаи шиносномаи силсилаи А № 8350841, ки санаи 30 январи соли 2015 аз тарафи ШВКД-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дода шудааст, РМА 635852213, соли таваллуд 12.04.1987 мебошад, дорандаи сармояи Оинномавӣ дар ҳаҷми 2 000 000 (ду миллион) сомони, ки 100 (сад) фоизро ташкил медиҳад, ки дар иқтибос аз Феҳрести ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқи, ки аз тарафи Раёсати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфироди дар шаҳри Хуҷанд аз 27-уми майи соли 2022-ум дода шудааст, дар иқтибос дарҷ ёфтааст.

Аз иқтибос аз феҳрасти ягонаи давлатии шахси ҳуқуқи маълум шуд, ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд дорои РЯМ 6410004004, РМА: 640007845 мебошад.

Маҳали ҷойгиршавии (суроғаи ҳуқуқӣ)-и Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи 50 солагии СССР № 27 аст.

## Аудит муайян намуд:

Тавозуни муҳосибӣ (ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ)-и ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд барои соли 2022-ум ба таври эллектронӣ тавассути утоқи шахсии андозсупоранда дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (WWW.andoz.tj) таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Раванди аудит “Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ” (Тавозуни муҳосибӣ) – и ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд таҳлил карда шуда, маълумотҳои он бо маълумотҳои ҳисоботҳои ба он замимашуда, аз он ҷумла “Ҳисобот оиди маҷмӯи даромад”, “Ҳисобот оиди фойида ва зарар”, “Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ”, “Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ” ва “Таҳқиқи андоз” муқоиса карда шуд.

## ТАҲЛИЛИ НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВӢ, ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФОИДА ВА ЗАРАР

### ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲО

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 212 аз 31.12.2006с. «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» ҳамаи корхонаҳо вазифадоранд дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии синтетикӣ ва аналитикӣ ҳисоботи муҳосибиро тартиб диҳанд.

Аудит аз рӯи масъалаҳои мазкур дар асоси Низомнома оид ба баҳисобгирии муҳосибии «Даромади корхонаҳо» (ПБУ 6/2001), ки бо Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 116 аз 9 августи соли 2001 тасдиқ гаштааст ва Низомномаи оид ба баҳисобгирии муҳосибии

«Хароҷоти корхонаҳо» (ПБУ 7/2001) ки бо Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 118 аз 13 августи соли 2001 тасдиқ гаштааст гузаронида шуд.

Аз рӯи ҳисоботи муҳосиби тавозуни соли 2022-ум ва натиҷаҳои фаъолияти молияви – Ҷамъият барои давраи соли 2022-ум Ҳисобот оиди фойда ва зарар: Даромад аз рӯи фоиз 133040,00 сомониро ташкил медиҳад.

Хароҷоти умумӣ ва маъмури 57295,00 сомониро ташкил медиҳад.

Фоида то андозбандӣ (133040 - 57295) = 75745,00 сомониро ташкил менамояд. Андоз аз фойда 13634,10 сомони ҳисоб карда шудааст.

Фойдаи соф аз фаъолияти амалишавандаи Ҷамъият 62110,90 сомониро ташкил менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили дигар қисмҳои тавозуни муҳосибӣ (Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ) Ҷамъият ва муқоисаи онҳо бо ҳисоботҳои молиявии замимашаванда барои соли 2022-ум номувофиқатӣ ошкор карда нашуд.

**АҚИДА**

Ман аудитор тавозуни муҳосибии Ҷамиятро барои соли 2022-уми поён расидаро гузаронидам, ки аз ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022, ҳисобот дар бораи даромади маҷмӯӣ, ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармояи хусусӣ ва ҳисобот дар бораи ҳаракати маблағҳои пулӣ дар давоми як сол, ки дар санаи ишорашуда ба охир расидааст ва инчунин эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла, шарҳи мухтасари муқаррароти назаррасi сиёсати баҳисобгирӣ, иборат аст.

Ба ақидаи ман ҳисоботи молиявии замима кардашуда тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар ҳамаи ҷанбаҳои муҳим ҳолати молиявии Корхонаро ба санаи 31 декабри соли 2022 ва инчунин натиҷаҳои молиявӣ ва ҳаракати маблағҳои пулии онро барои соле, ки ба санаи ишорашуда ба охир расидааст, тасаввуроти дуруст ва саҳеҳро медиҳанд.

**Асос барои ифодакунии ақида**

Ман аудитро тибқи Стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) гузаронидам. Масъулияти ман тибқи стандартҳои ишорашуда минбаъд дар бахши "Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ"-и ҳисоботи ман маълум карда мешавад. Ман нисбати Корхона тибқи *Кодекси ахлоқи касбии муҳосибони Шӯрои стандартҳои байнамилалии ахлоқи муҳосибон* (*Кодекси ШСБАМ*) ва талаботи ахлоқие, ки барои аудити ҳисоботи молиявии ман дар [*номи салоҳияти ҳуқуқӣ*] истифода мешаванд, мустақил мебошем ва аз ҷониби ман масъулиятҳои ахлоқии дигар тибқи ин талабот ва Кодекси ШСБАМ иҷро шудаанд. Ҳисоб мекунам, ки далелҳои аудиторие, ки ман ба даст овардам, кофӣ ва муносиб мебошанд, то ки ҳамчун асос барои ифодакунии ақида хизмат кунанд.

**Масъалаҳои калидии аудит**

Масъалаҳои калидии аудит – ин масъалаҳое, ки тибқи мулоҳизаи касбии ман барои аудити ҳисоботи молиявии давраи ҷорӣ хеле назаррас буданд. Ин масъалаҳо дар муҳтавои аудити ҳисоботи молиявӣ умуман ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи ман дар бораи ин ҳисоботи молиявӣ баррасӣ карда шудаанд ва ман ақидаи алоҳидаро оид ба ин масъалаҳо ифода намекунам.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъули идоракунӣ барои ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодасозӣ ва пешниҳодкунии саҳеҳи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ ва барои чунин низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои омодасозии ҳисоботи молиявие, ки таҳрифҳои муҳимро дар оқибати амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо надоранд, зарур ҳисоб мекунад, масъул аст.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият барои арзёбии қобилияти Корхона оид ба бефосила давом додани фаъолияти худ, барои эзоҳдиҳии иттилоот, масъалаҳои ба бефосилагии фаъолият дахлдор, агар қобили қабул бошад ва барои истифодабарии фарзия дар бораи бефосилагии фаъолият дар баҳисобгирии муҳосибӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки роҳбарият мақсади барҳамдиҳии Корхона, қатъкунии фаъолияти онро дорад ё вақте ки вай ягон ҷойгузинаи дигарро, ғайр аз барҳамдиҳӣ ё қатъкунии фаъолият, надорад, масъул аст.

Шахсони масъули идоракунӣ барои назорат аз болои омодасозии ҳисоботи молиявии Корхона масъул мебошанд.

**Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ**

Ҳадафи ман дар ҳосилкунии боварии оқилона дар он, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ахамиятнок дар оқибати амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо намебошанд ва дар баровардани ҳисоботи аудиторие, ки ақидаи манро дорад, мебошад. Боварии оқилона бо худ дараҷаи баланди боварииро ифода мекунад, вале кафили он намебошад, ки аудите, ки тибқи СБА гузаронида шудааст, ҳама вақт таҳрифҳои муҳимро ҳангоми мавҷуд будани онҳо ошкор мекунад. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо бошанд ва муҳим ба ҳисоб мераванд, агар асоснок ҳисоб кардан мумкин бошад, ки чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ дар маҷмӯъ онҳо метавонанд ба қарорҳои иқтисодии мизоҷон, ки дар асоси ин ҳисоботи молиявӣ қабул карда мешаванд, таъсир расонанд.

Аз анҷоми таҳлили тавозуни муҳосибӣ (Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ) Ҷамъият ва муқоисаи он бо ҳисоботҳои молиявии замимашаванда,

## ХУЛОСА МЕДИҲАМ:

Маълумоти дар тавозуни муҳосибӣ барои соли 2022-ум ва ҳисоботҳои молиявии ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷандро дар ҳама атрофи ҷиддиаш мусбӣ ва эътимотнок мешуморам.

Дар ин бора хулосаи аудитори иборат аз 2 нусха тартиб дода шуда, нусхаи аввал ба ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”-и шаҳри Хуҷанд барои корбарӣ, нусхаи дуюм ба аудитор барои маълумот пешниход карда шуд.

Аудитор: Шамсиев Ғ.Ҳ.